# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» ба диссертатсияи Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи «Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси – 14.02.03. – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ пешниҳод гардидааст.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати: доктори илмҳои тиб Нуров Р.М. (Раис), доктори илмҳои тиб, Бандаев И.С. ва номзади илмҳои тиб, дотсент Ҷураева Н.С. (аъзоёни комиссия) дар асоси гузаронидани экспертизаи ибтидоии рисолаи номзадии унвонҷӯйи Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» Қурбонов Назаралӣ Талабович дар мавзуи «Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ пешниҳод гардидааст, хулосаи зеринро манзур менамояд:

1. Мазмун, моҳият ва мавзӯи диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 14.02.03 – Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ мутобиқат менамояд, ки аз рӯи он шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» диссертатсияҳоро қабул ва барои ҳимоя пешниҳод менамояд. Инчунин таҳқиқоти мазкур ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти №5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

2. Мубрамияти рисолаи диссертатсионии Қурбонов Назаралӣ Талабович бо он муайян мегардад, ки ҷанбаҳои асосии раванди такмили тадбирҳои пешгирикунандаи сироятҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ

бо такя ба натиҷаҳои ташхисҳои гузаронидашуда воқеъбинона мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар асоси далелҳои муътамад манзур гардидаанд ва мавриди истифода қарор гирифтани онҳо метавонад ба беҳбудии кори соҳаи мазкур мусоидат намояд.

Воқеан ҳам, дар айни замон яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи тандурустӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии ҳаматарафа меёбад, таъмини ҳифзи саломатии аҳолӣ, пешгирии бемориҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла сироятҳои зуҳравӣ, ҳамзамон беҳтар намудани вазъи дастрасии аҳолӣ ба ёрии тиббию иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Иқдомоти мазкур ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва расонидани кӯмаки самараноки соҳаи тандурустӣ нигаронида шудаанд.

Айни замон, дар марҳалаи ҷаҳонишавӣ, бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва афзоиши камбизоатӣ, омилҳои зиёди хатарзо, ки ба саломатии аҳолӣ таъсир мерасонанд, ба вуҷуд омадаанд. Дар байни аҳолӣ муҳоҷирони меҳнатӣ мавқеи хосаро ишғол мекунанд, ки ин боиси оқибатҳои гуногуни иҷтимоӣ мегардад. Дар ҷомеаи муосир, сабаби афзоиши бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои ҷумҳурӣ, аксаран, аз набудани шуғли доимӣ, даромади нокифоя, сатҳи пасти зиндагӣ вобастагии қавӣ дорад. Диссертатсияи мазкур, ки ба ҳалли мушкилоти дар боло баёнёфта нигаронида шудааст, мустақилона навишта шуда, натиҷаҳои ба дастомада ва нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда, далели мустақилона анҷом додани кори илмӣ-таҳқиқотӣ мебошад.

**3.** Зимни анҷом додани кори илмӣ-тадқиқотӣ довталаб аз усулу методҳои гуногун ба таври самаранок истифода бурдааст. Яке аз равишҳо методи сотсиологӣ мебошад. Таҳқиқоти сотсиологӣ дар соҳаи нигаҳдории тандурустӣ ба омӯзиши масъалаҳои зиёди рӯзмарра ихтисос ёфтааст, вале тибқи қоидаи маъмул, аксари онҳо ба омӯхтани сифатнокӣ ва дастрас будани ёрии тиббӣ, қаноатмандии аҳолӣ, аз ҷумла гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ алоқаманд мебошанд.

Барномаи таҳқиқоти сотсиологӣ асосҳои методологӣ, методӣ ва ташкилиро дар бар мегирад. Бо ибораи дигар, равиши мазкур моҳиятан тамоми марҳилаҳои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоотро фаро мегирад. Маълумотҳои зарурӣ оид ба сироятҳо (бемориҳо)-и зуҳравӣ дар байни аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонони шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (минтақаи Кӯлоб: ш.Кӯлоб, н.Ҳамадонӣ, н.Восеъ, н.Фархор ва аз минтақаи Бохтар: н.Ҷалолидини Балхӣ, н.Қубодиён, н.Вахш, н.Абдураҳмони Ҷомӣ), ки тӯли солҳои 2015-2021 дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанд, ҷамъоварӣ карда ва омӯхта шудаанд.

Барои иҷрои вазифаҳои дар доираи таҳияи диссертатсия гузоштешуда инчунин усулҳои зерини таҳқиқот истифода шудаанд: таҳлили оморӣ барои коркарди маълумоти рақамӣ, усули эпидемиологии омӯзиши паҳншавии бемориҳо, усули сотсиологии таҳлили ҷанбаҳои иҷтимоии масъала, баррасии таҳлилии бархӯрд ба омӯзиши амиқи мавод, таҳлили иқтисодӣ барои арзёбии таъсири омилҳои дахлдор ба саломатӣ, инчунин таҳлили картографӣ барои тасвирбардории маълумотҳои фазоӣ оид ба бемориҳои ноҳияҳои маъмурии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Зимни таҳқиқоти сотсиологии анҷомёфта аз шумораи умумии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ 850 нафар (мутаносибан, 565 нафар мард ва 285 нафар зан), ки 374 (44,0%) нафарашон мубталои СТАҶГ гардидаанд, ба тадбири мазкур фаро гирифта шудаанд. Таҳлили маводи дастрасшуда собит намуд, ки 278 (74,3%) мард ва 96 (25,7%) зани алоқаманд ба муҳоҷирати меҳнатӣ гирифтори бемориҳои гуногуни ҷинсӣ гардидаанд. Аз ин лиҳоз нишондиҳандаҳои бадастомада комилан саҳеҳ мебошанд.

Дар бораи натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ оид ба хусусиятҳои тиббию иҷтимоии коргарони муҳоҷир, хусусияти шароити меҳнат, тарзи ҳаёт, хусусан рафтори ҷинсӣ, паст шудани сатҳу мизони хадамоти тиббӣ, аз ҷумла масъулият дар баробари саломатии онҳо, маълумоту сарчашмаҳои тоза ба даст оварда шуд. Вобаста ба ин мавзӯи таҳқиқотро метавон проблемаи мубрами ҷомеаи имрӯза ҳисобид.

4. Аз рӯи мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 11 номгӯйи маводи чопӣ нашр гардидаанд, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда, ба чоп баромадаанд.

Натиҷаҳои ташхисҳо дар конференсияҳои донишгоҳӣ ва берун аз онҳо тавассути маърӯзаҳои муаллиф мавриди муҳокима қарор дода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

1. Курбонов, Н. Т. Распространенность и первичная профилактика инфекций, передающихся половым путем, среди трудовых мигрантов [Текст] /, А.Г. Гоибов, Н.Б. Лукьянов // Известия Академии наук Республики Таджикистан. -2019. - № 4 (207). - С. 95-99.
2. Курбонов, Н.Т. Маориф, фарҳанг ва тандурустӣ ҳамчун омили ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Тоҷикистон [Матн] / А.Ғ. Ғоибов, М.М. Ҷумаева, Т.С. Ҷабборова // Авҷи Зуҳал. -2021. - №1. - С. 40-45.
3. Курбонов, Н.Т. Особенности сексуального поведения молодежи, определяющие право на заболевания, передающиеся половым путем, в Республике Таджикистан [Текст] / Н.Т.Курбонов //Здравоохранение Таджикистана. -2021. - № 3 (350). - С. 27-33.
4. Курбонов, Н.Т. Основные аспекты профилактики заболеваний, передающихся половым путем, среди подростков и молодежи Хатлонской области Республики Таджикистан [Текст] / Н.Т.Курбонов // Авджи Зухал. - 2022. - № 2. -С. 64-69.
5. Курбонов, Н.Т. Профилактика заболеваний, передающихся половым путем, среди молодежи Республики Таджикистан [Текст] / П.Б. Джалилов, М.Х. Ганизода, Т.Б. Рахмон // Симург. -2022. - № 16 (4). - С. 108-113.
6. Курбанов, Н.Т. Медико-социальные аспекты инфекций, передающихся половым путем, среди иностранных трудовых мигрантов в Хатлонской

области Республики Таджикистан [Текст] / Н.Т.Курбонов //Наука и инновации. Национальный университет Таджикистана.-2023.- № 3.- С.55 58.

Шаҳодатномаи №1191 оид ба супоридани имтиҳонҳои минимумҳои номзадии Қурбонов Назарали Талабович 04.03.2024 аз тарафи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

**5.**Комиссияи экспертӣ эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ менамояд, ки инро ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳои бисёрсола, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили чуқури мавзуъ дар интишороти оид ба ин масъала нашршуда тасдиқ менамояд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои омӯзиши хусусиятҳои бемориҳои сироятии тавассути алоқаи ҷинсӣ гузаранда дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ асос ёфтаанд.

**6**.Дар автореферати диссертатсия нуқтаҳои асосии кори диссертатсионӣ инъикос ёфтаанд.

**7**.Комиссияи экспертӣ қабули диссертатсияро дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-053 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» тасдиқ менамояд.

**8.**Тавсия медиҳем, ки ҳамчун **муассисаи пешбар** тасдиқ карда шавад:

Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон».

**9.**Ба сифати муқарризони расмӣ тавсия дода шаванд:

- **Муҳамадиева Саодатхон Мансуровна** - доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи акушерӣ ва гинекологии №1 МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
- **Мағзумова Фируза Пулодовна** - номзади илмҳои тиб, муовини директор оид ба илм МД «Пажуҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон».

Комиссияи экспертӣ тавсия медиҳад, ки ба нашри эълони ҳимоя, матни рисола ва автореферат дар сомонаи расмии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» ва эълони ҳимоя дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин нашр ва паҳн намудани автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Қурбонов Н.Т дар мавзуи «Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ»-ро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.03.- Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Қурбонов Н.Т. дар мавзуи «Такмили тадбирҳо оид ба пешгирии бемориҳои зуҳравӣ дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.03.- Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқиашон ба ихтисоси 14.02.03.- Сиҳатии ҷомеа ва тандурустӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Муҳамадиева Саодатхон Мансуровна** - доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи акушерӣ ва гинекологии №1 МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
- **Мағзумова Фируза Пулодовна**- номзади илмҳои тиб, муовини директор оид ба илм МД «Пажуҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон».

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» ва Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

**д.и.т.** **Нуров Р.М.**

**Аъзоёни комиссия:**

**д.и.т.** **Бандаев И.С.**

**н.и.т., дотсент** **Ҷураева Н.С.**

«14» 03 соли 2025

МДТ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБУАЛӢ ИБНИ СИНО» РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ / УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ

имзои/подпись Бандаев И.С. Ҷураева Н.С.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК / НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«14» 03 2025 с/г

имзои подпись Нуров Р.М.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э.Ш. (имзо-подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН / TAJIK NATIONAL UNIVERSITY / УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ